# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи доктории Сафоев Абдумаҷид Каримович дар мавзӯи “Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунони босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст.**

«12» 05 2023 ш. Душанбе

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сафоев Абдумаҷид Каримович дар мавзӯи “Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи докторант ба шумор меравад. Андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаву тавсияҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия мутааллиқ мебошанд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби докторант мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд. Таҳқиқоти илмӣ масоили марбут ба идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифта, муаллиф дар таҳқиқоти худ оид ба асоснок намудан ва нишон додани роҳҳои такмили идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсия намуда, пешниҳодҳои илман асоснокро манзур доштааст.

1. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи доктории пешниҳодшуда яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқшаванда дар идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми

ноябри соли 2022, №268/ш.д. ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 65 корҳои илми-таҳқиқотӣ, аз ҷумла 15 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 54 ҷузъи чопӣ) ба нашр расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мавзуи диссертатсия бевосита иртибот доранд. Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар диссертатсияи доктории Сафоев Абдумаҷид Каримович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсияи докторӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Сафоев Абдумаҷид Каримович маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сафоев Абдумаҷид Каримович дар мавзӯи “Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунони босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-O17-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин тайин карда шаванд:

- **Низамова Туҳфамо Давлатовна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисодиёти корхона ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- Алиджанов Джамшед Абдукаюмович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тайин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ А. Рауфӣ

Аъзои комиссия:

доктори илмҳои иқтисодӣ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Шарипов Б.М.

доктори илмҳои кишоварзӣ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Садридинов С.